**ХУЛОСАИ**

комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дар мавзӯи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст.

19 октябри соли 2024 ш. Душанбе

1. Кори диссертатсионии Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дар мавзӯи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ таҳқиқоти шахсии докторант ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод бахусус иқтисодиёти саноат ва энергетика метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда, ки ба такмилдиҳии дастгирии давлатӣ, ташкили фаъолияти соҳибкории саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дахл доранд, ба татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ ва рушди иқтисоди миллии кишвар мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавонанд ҷиҳати такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 1, 11, 12, 13, 17, 18, 35,36 ва 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои вобаста ба такмилдиҳии дастгирии давлатӣ, рушди соҳибкории саноатӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ ба ҳисоб меравад.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика ) ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, № 11/ш.д. ҳуқуқи барои ҳимояи диссертатсияи доктории Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дода шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳо ва нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр гардида, аз ҷониби муаллиф 33 кори илмӣ, аз он ҷумла 23

мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35- и Тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии илмии Қаюмӣ Шаҳзода Таѓо истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Қаюмӣ Ш.Т. маълумотҳои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз тарафи докторант чопгардида мавҷуд намебошад.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Таѓо дар мавзӯи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 015 - и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

**Ризозода Тӯра Раббим**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат**, доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, инчунин, барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи идораи давлатӣ ва
иқтисоди миллии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоев О.Б.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Каримова М.Т.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафоев А.К.

*Имзоҳои* **О.Б. Бобоев, М.Т. Каримова** *ва* **А.К. Сафоев** - *ро тасдиқ мекунам:*

Сардори ШК ва КМ ДТТ ба номи
академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.